Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович ба кори диссертатсионии Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи «Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст.**

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.** Дар шароити имрӯзаи сиёсати иқтисодии давлат ва раванди ислоҳоти иқтисодии он оид ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо дар шакли маҳсулоти тару тоза дар шакли ашёи хом, балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки бевосита ба истеъмолкунандагон мерасад, равона шудааст. Ин дар истеҳсоли содироти маҳсулоти кишоварзӣ, суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои ғаллапарварӣ, боғу токпарварӣ, пахтапарварӣ, чорвою занбӯри асалпарварӣ, картошкапарварӣ, моҳипарварӣ, зиёд намудани истеҳсоли онҳо ва дигар намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳар як сари аҳолӣ ифода меёбад. Чунин талабот на танҳо ба истеҳсоли махсулоти хоҷагии қишлоқ, балки ба коркарди саноатии он низ дахл дорад. Ҳалли ин ва дигар масъалаҳои бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба низоми идоракунии истеҳсолоти ин соҳа, махсусан идоракунии стратегии он, усулҳои таҳлили ин раванд, дарёфт ва татбиқи тарзу усулҳои пурсамари рушди усулҳои таҳлили раванди идоракунии стратегӣ дар бахши аграрӣ алоқаманд аст.

Бахши кишоварзӣ нисбат ба бахши саноатӣ дорои сохтори нозук буда, ҳамзамон ба таъсироти сиёсӣ нисбатан устувор мебошад. Аз ин рӯ, стратегияи идоракунии корхонаҳои бахши кишоварзӣ бояд аз як тараф

устувор бошанд, вале аз ҷониби дигар бо тамоми меъёр ба ҷузъҳое таъсиргузор бошанд, ки ҳанӯз ҳифз шудаанд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ истифода карда натавонистани методҳои нақшавии идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар тамоми зинаҳо, нотавонии таҳияи самти дурусти рушди бахши кишоварзиро ба миён овард, сохтори истеҳсолии мақсаднокро барои лоиҳаҳои дарозмуддат таҳия кард, бо дараҷаи баландтарин мутобиқшавӣ ба шароити воқеӣ ва самаранокии баланди иқтисодиро таъмин намуд.

Рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ, махсусан соҳаи кишоварзӣ ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклҳои нави самаранокии фаъолияти идоракунии истеҳсолот ва хоҷагиро тақозо мекунад. Яке аз усули маълумтари ҳалли масъалаи рушди минъбадаи шаклҳои ташкилӣ дуруст идоракунии ҳамгирои истеҳсолкунандагон мебошад, ки ин имкон медиҳад тамоми давраи такрористеҳсолкунӣ ба як раванди ягон, аз истеҳсоли ашёи хом то коркарду баровардани маҳсулоти тайёр, барои истеъмоли ниҳоӣ пешбинӣ шуда муттаҳид карда шавад. Аз як тараф, дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ сохторҳои ҳамгирое, ки низоми ташкилию идоракунии барои самаранокиии баланд ва рақобатпазирӣ пешбинӣ шудаанд, васеъ паҳн мешаванд, ки бо шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ҳайату иштирокчиён, намудҳои фаъолият, шаклҳои моликият тавсиф карда мешаванд. Аз тарафи дигар, амалия нишон медиҳад, ки назар ба шиддат ёфтани равандҳои хоҷагидории КАС дар фаъолияти сохторҳои хоҷагидорӣ ва парокандагии онҳо камсамараи низоми идоракуни стратегия ва самтҳои ба он мансуб ба назар мерасад. Ин ҳолатҳо дар аксар маврид бо таркиби тасодуфии ташаккулёфта, сохтори беасоси ҳудудҳои идорашавандаи корхонаҳо, набудани стратегияи илман асосноки назариявии идоракунии маркетингӣ, дуруст ва илман интихоб нагардидани шаклҳои идоракунии минтақавӣ, рушди назорати усулҳои илман асосноки амалӣ гардонидани методҳои идоракунии стратегӣ дар вақти кор дар соҳа ба назар мерасад.

Норасоии назаррас дар ташкили низоми ягонаи идоракунии сохторҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар он аст, ки бештар вақт онҳо бе назардошти шароити обективии муҳити беруни ва дохилӣ фаъолияти онҳо ташкил карда мешавад, ҳанӯз моделҳои оптималии низоми идоракунии стратегӣ, методҳои таҳлили фаъолияти ин системаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо пурра ва аз ҷиҳати илмии асоснок карда нашудааст, ба таҳлили идоракунии хароҷот аз рӯйи маълумотҳои марказҳои масъулият дар соҳаи кишоварзӣ, асосҳои методологии идоракунии стратегӣ, омили иқтисодӣ- математикӣ ҷобаҷогузории инфрасохторҳои бахши кишоварзӣ пурра муайян карда нашудааст.

Дар робита ба ин омӯзиши масъалаҳои самаранокии КАС.-и Ҷумуҳурии Тоҷкистон дар маҷмӯъ ва минтақаҳои он дар алоҳидагӣ, ки ба нозоми идоракунии стратегии соҳаи кишоварзӣ пайваст аст ва ба рушди усулҳои таҳлили идоракунии стратегии алоқаманд буда, яке аз таҳқиқоти илмӣ ва вазифаҳои мубрами амалӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи «Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳамаи шаклҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ хеле муҳим буда, дар оянда ҳамчун масъалаи актуалӣ боқӣ мемонад.

**Баҳо додан ба мазмуни диссертатсия, дараҷаи асосноккунии ҳолтаҳои илмии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳия гардида, аососнокӣ ва навгонии он.**

Кори диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи аз худшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, ҳадаф, объект ва мавзӯи таҳқиқот, масъалаҳо, усулҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ба даст

**Дар хулоса натиҷаҳо ва тавсияҳо** оид ба такмил додани механизми рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст карда шудааст.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда** аз 176 адад, қонун ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ, Консепсия ва стратегияҳои давлатӣ, сарчашмаҳои оморӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмии ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд буда иборат аст. Матни таҳқиқоти диссертатсионӣ 31 ҷадвал, 27 расм ва 7 замимаро дар бар мегирад.

**Асосноккунӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, таълимоти олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масоили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди методикаи таҳлили низоми идоракунӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот , инчунин истифодаи васеи маълумотҳои оморӣ ва усулҳои муосири таҳлил ва синтез ба даст оварда шудаанд.

Хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шуда, муҳокимаи натиҷаи таҳқиқот дар конфренсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия.**

1. Муаллиф дар асоси ҷамъбасти миқдори зиёди адабиёт ва мақолаҳои илмӣ, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ кушиш намудааст мавқеи худро оид ба мафҳум ва фаҳмиши «идоракунӣ», «моҳияти идоракунӣ», «идоракунии истеҳсолот», «идора кардан», «баҳисобгирии идоракунӣ», «баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ»,

«идоракунии корхона» (саҳ.15,16,17,18), унсурҳои стратегияи корхона аз рӯйи пешниҳоди Томсон А.А. ва Стрикленд А.Ҷ.(саҳ.19),заминаҳои пайдоиши идоракунии стратегӣ (саҳ.20), хусусиятҳои асосии бахши кишоварзӣ пешниҳод намудааст (саҳ.21); Ҳамин тавр алоқаи дуҷонибаи функсияҳои умумии идоракунӣ (саҳ.25), мазмуни идоракунии фаврӣ (саҳ.26), идоракунии стратегӣ (саҳ.27), идоракунии стратегии аз нигоҳи олимони хориҷӣ мавзӯи таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ.28-31), тавсифи муқоисавии идоракунии стратегӣ ва идоракунии давлатӣ (саҳ.31), намудҳо ва вазифаҳои идоракунии инноаватсионӣ, вазифаҳои асосии стратегӣ, мафҳуми «стратегия», «идоракунии стратегия»-ро таҳлил ва муайян намудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф мафҳуми «методология», « методологияи идоракунии стратегия», муносибати муаллифони гуногун оид ба муайян кардани паҳлӯҳои мундариҷавии идоракунии стратегияи корхонаҳои кишоварзӣ муқоиса карда шудааст (саҳ. 39-40), нақшаи ташаккули идоракунии стратегияи корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти аломатҳои тасниф, мушаххас нишон додани мақсадҳои корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ.42), низоми стратегияи рушди корхонаҳои секторҳои кишоварзӣ (саҳ.44), усулҳои стратегии бо чор стратегияи алтернативии ҷудо карда шуда аз нигоҳи Варонов Е. таҳлил карда шудааст (саҳ.46-47), мафҳуми «хавфор», фаҳмиши мафҳуми «хавфор» аз нигоҳи С.И.Ожеговро чунин шарҳ додааст: «Имконияти хатар» ё «барномаи номувафақӣ» бо фарҷоми хушбахтӣ (саҳ.53). Ҳамин тавр фаҳмиши мафҳуми «хавфор» аз нигоҳи олимон В.Севрун, Нефедов Ю., М. Бозоров, оварда шуда, мавқеи худро дар ин ҷода муайян кардааст (саҳ.54-56). Муаллиф якчанд усулҳои идоракунии «хавфор»-ро дар шароити номуайяни ҷудо карда шарҳ додааст (саҳ.59-61), таснифи омилҳои «хавфор» барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро пешниҳод намудааст.

3. Унвонҷӯ дар саҳифаҳои 66-67 дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илми муосир оид ба дарки нақш ва мавқеъи баҳисобгирии идоракунӣ се

равиши асосиро қайд кардааст: 1) Инкори пурраи мафҳуми «баҳисобги рии идоракунӣ» (саҳ.66-67); 2), Тарзи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як қисми баҳисобгирӣ ба ғайр аз ин ҷузъҳои молиявӣ ва андозҳоро дар бар мегиранд, инчунин муҳтавои консепсияҳои асосии муаллиф дар ҷадвали 2.11 оид ба мафҳум ва таърифҳои асосии моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳлил карда шудааст (саҳ.64-71), самтҳои нисбатан умедбахши рушди баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ.71), шарҳи таърихии таърифҳои асосии стратегии бо назардошти муаллифон ва пешниҳоди таъриф оварда шудаанд (саҳ.73-75), намунаҳои ҷудогонаи муайян кардани моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ (саҳ.75-77), системаи таҳлили идоракунии стратегӣ (саҳ.78), ҳадафҳои стратегии техникаи корхонаҳои кишоварзӣ (саҳ. 80-81), намудҳои стратегияҳои рушди тиҷорат бо назардошти гурӯҳ, навъ ва тавсифоти онҳо (саҳ.82-83), унсурҳои системаи нишондиҳандаҳои мутавозин (саҳ.86-870), таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ оид ба банақшагирии стратегӣ гузаронидани шуда, муаллиф мавқеи худро равшан муайян кардааст (саҳ.88-90), бо мақсади ҳалли масъалаҳои дар саҳ.91-92 пешниҳод гардида, муаллиф асосҳои консептуалии баҳисобгирии идоракунии стратегияро тавсия намудааст (саҳ.92-93).

4. Унвонҷӯ дар саҳифаҳои 95-107 «моҳият ва таснифоти омилҳои муҳити берунии корхонаҳои кишоварзӣ»-ро мавриди таҳқиқот ва таҳлил қарор дода аст. Ӯ ҷанбаҳои ҷудогонаи таҳлили стратегӣ, таҳия ва асоснокии стратегия дар асарҳои муаллифҳои хориҷиро таҳлил карда асосҳои ташкил ва технологияи таҳлили стратегиро баррасӣ карда, моделҳои мухталифи қабул ва асоснок кардани самаранокии қарорҳои идоракунии стратегӣ ва стратегияи корхонаро дар умум пешниҳод кардааст (саҳ.95-96), инчуни ӯ мафҳуми «рақобатпазирӣ»-ро таҳлил карда мавқеи худро муайян сохтааст (саҳ. 97). Ҳамин тавр муаллиф омилҳои муҳити берунаро гурӯҳбандӣ карда таҳлил намудааст (саҳ.93-100), омилҳое муайян карда шудаанд, ки ба фаъолияти низоми

баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ таъсир расонанда (саҳ.105), таҳлили идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар соҳаи кишоварзӣ гузаронида шудааст (саҳ.107-121), ки онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

5. Дар диссертатсия муаллиф бо омӯзиши таҳияи самтҳои мукаммалсозии идоракунии стратегии бахши кишоварзӣ машғул шуда, ссенария рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳои миёнамуҳлат бо назардошти стагнатсионӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шударо таҳлил ва пешниҳод кардааст (саҳ.124-125). Самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии стратегии дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( саҳ.130-131) пешниҳод карда шуда, ҳамин тавр муаллиф ба таҳқиқи методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ машғул шудааст, дар асоси маводҳои оморӣ таҳлили даромаднокӣ ва боздиҳии воситаҳои асосии истеҳсолӣ ИК «Баракат»-ро омӯхта таклифҳои амалӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ.141-145), ки онҳо дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошанд; дар асоси маълумотҳои ҷадвалҳои 3.2.6. Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии ИК «Баракат» барои солҳои 2018-2019, таъсири самаранокии истифодаи захираҳо бо тағйирёбии фоида ҳисоб карда шудааст ( саҳ.152), модели умумии таҳлили SWOT барои корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти ҷиҳатҳои қавӣ ва ҷиҳатҳои заифӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳо пешниҳод карда шудааст (саҳ.160-161).

6. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаҳои 164-178 масъалаи амсолаи иқтисодӣ- математики ҷобаҷогузории инфрасохторҳои истеҳсолии бахши кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар асоси формулаҳои математикӣ муаллиф тафсири нақшавии барномаи бахши кишоварзиро нишондодааст (саҳ.164), ҳамин тавр дар асоси формулаи хароҷоти аслии нақлиётро дар мутобиқат аз истеҳсолкунанда, ҷогузории муносиби инфасохтори истеҳсоли бахши кишоварзӣ нишон додааст (саҳ.165-167), моделсозии маҳсулоти дохилии ангур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгӯии маҳсулотҳои дохилӣ аз рӯйи ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар

марҳилаҳои кӯтоҳ (саҳ.173), самаранокии иқтисодии фурӯши ангур баъди нигоҳдории он дар сардхона (саҳ.175) пешниҳод карда шудааст, ки натанҳо дорои аҳамияти илмӣ, балки амалӣ низ мебошанд.

**Хулоса.** Навоварии илмии таҳқиқот аз асоснок кардани муқаррароти назариявӣ ва таҳияи самтҳои асосии рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрӣ ба беҳтар намудани самаранокии низоми идоракунии стратегӣ, стратегияи баҳисобгирии бухгалтерии идоракунии стратегӣ, такмили низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, раванди таҳияи амсилаи иқтисодӣ- математики ҷобаҷогузории инфрасохторҳои истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ иборат мебошанд.

**Ҳамин тавр мушаххасан навгониҳои илмии дар диссертатсия пешниҳод шударо дар шакли зайл пешниҳод кардан мумкин аст:**

1. Дар заминаи омӯзиш адабиёти илмӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, ҷанбаҳои назариявию методологии низоми идоракунии стратегӣ мафҳумҳои « идоракунӣ», «моҳияти идоракунӣ», «идоракунии технологӣ», «баҳисобгирии идоракунӣ», «баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», идораи корхона ва рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, такмили методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ ва ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як самти муҳим ва асоси рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, омили муҳими таъмини самаранокии корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шудааст.

2. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва маълумотҳои хусусияти методологӣ ва оморӣ дошта муаллиф мавқеъ ва нақшаи таҳлили идоракунии стратегияро дар рушди низоми баҳисобгирии идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ муайян ва асоснок карда, нақшаи ташаккули идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти онҳоро бо назардошти аломатҳои таснифот

мушаххас намуда, мақсади корхонаҳои кишоварзиро пешниҳод намуда, мавқеи худро нисбати мафҳуми «хавфори иқтисодӣ», усулҳои идоракунии хавфор дар шароити номуайянии иқтисодӣ ҷудо ва шарҳ дода, таснифи омилҳои хавфорро барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод намудааст.

3. Аз ҷониби муаллиф мазмуни омилҳои муҳими беруна ва таъсири онҳо ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ муайян, ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шуда, методикаи таҳлили идоракунии хароҷоти соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи маълумотҳои марказӣ масъулият асоснок ва таҳия карда шудааст. Ҳамин тавр, унвонҷӯ тавонистааст, ки муҳтавои консепсияи асосии таҳиякардаи худро оид ба фаҳмиши мафҳум ва таърифҳои асосии моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил карда дар шакли ҷадвал пешниҳод намояд.

4. Унвонҷӯ ҷанбаҳои алоҳидаи таҳлили стратегӣ, инчунин таҳия ва асоснокии стратегияро дар асарҳои муаллифони хориҷи омӯхта таҳлил карда, асосҳои ташкил ва технологияи таҳлили стратегиро баррасӣ намуда, моделҳои мухталлифи қабул ва асоснок кардани самаранокии қарорҳои идоракунии стратегӣ ва стратегияи корхонаро дар умум пешниҳод кардааст.

5. Муаллиф дар кори диссертатсионӣ таҳияи самтҳои мукаммалсозии идоракунии стратегии бахши кишоварзиро мавриди омӯзиш қарор дода, стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаи миёнамуҳлат бо назардошти стагнатсионӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шуда таҳлил ва пешниҳод намудааст, ҳамин тавр самтҳои асосии такмилдиҳии идоракунии стратегӣ дар бахшҳои кишоварзии ҷумҳури муайян карда шудао пешниҳод карда шудааст.

6. Аз ҷониби унвонҷӯ самтҳои асосии такмили методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Ӯ модели иқтисодӣ-риёзии ҷобаҷогузории инфрасохторҳои истеҳсоли корхонаҳои кишоварзиро коркард карда ва

дар асоси ҳисобҳои математикӣ асоснок намуда, пешниҳод кардааст, ки истифодаи он на танҳо аҳамияти илмӣ, балки амалӣ низ дорад.

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян орӣ нест.

**Ба андешаи мо бо сифати камбудиҳо нуқтаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:**

1. Дар сарсухан оид ба таҳлили стратегӣ, идоракунии стратегӣ сухан меравад, на баҳисобгирии идоракунӣ ё баҳисобгирии идоракунии стратегӣ. Сарсуханро кам карда дар ҳаҷми як саҳифа ҷой кардан лозим аст.

2. Дар қисми дараҷаи аз худ кардани масъалаи илмӣ ному насаби олимони зиёде оварда шудааст, лекин кори илмии онҳо дар рӯйхати адабиёти истифодашуда дохил карда нашудааст. Агар имкон дошта бошад, онҳоро ворид созад, набошад аз онҷо ному насаби онҳоро бояд гирифт.

3. Дар диссертатсия аз корҳои илмии олимони тоҷик кам истифода карда шудааст.

4. Дар саҳифаи 168 муаллиф динамикаи маҳсулот ва ҳосилнокии миёнаи маҳсулоти ангурҳоро дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст. Дар инҷо аввал ин, ки манбаи истифодаи маълумот нишон дода нашудааст. Дигар ин ки маълумотҳои пешниҳод карда шуда ва воҳиди ченаки нишон дода шуда шубҳанок аст. Масалан, мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2018 дар ҷумҳурӣ 241902 тонна ангур истеҳсол карда шудааст на 2419020 ҳазор тонна. Агар ин тавр бошад, ин рақами истеҳсоли ангур 2 миллиарду 419 млн 020 ҳазор тонна хонда мешавад, ки ин нодуруст аст. Баъд бо кадом сабаб бошад, ки фикр тамом нашуда, муаллиф ба масъалаи себзор гузаштааст. Ин ҷадвал таҳлили илмӣ надорад.

5. Дар саҳифаи 173 муаллиф расми 3.3.6., моделсозии маҳсулоти дохилии ангур дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кардааст. Лекин маълум нест, ки бо истифода аз кадом усулҳои таҳлили иқтисодӣ, ё

математикӣ истифода карда шудааст, хулосаи таҳлилӣ аз рӯйи маълумотҳои ин расм мавҷуд нест.

6. Дар кори илмӣ ба ҷои калимаи адабиёт -адабиётҳо, хароҷот дар шакли хароҷотҳо истифода карда шудааст, ки ин нодуруст аст. Калимаи “адабиёт ” ва ё “хароҷот ” ин худаш шакли ҷамъ аст. Бинобар ин ба муаллиф зарур аст, ки дар дохили диссертатсия ин камбудиҳоро ислоҳ кунад (мисол нигаред ба саҳ. 19,22,25,31,32,40,42,44,46,48,) ва ғ.

7. Дар саҳифаҳои 178-185 хулоса ва пешниҳодҳо дар ҳаҷми 28 банд оварда шудааст. Дар рисолаи илмӣ ҳамагӣ 6 вазифа гузошта шудааст. Беҳтар аст, ки онҳоро аз рӯйи мазмун ва сатҳи аҳамиятнокӣ гурӯҳбандӣ карда, онҳоро дар 10-12 банд пешниҳод намуд.

Бо мақсади такрор нашудани ному насб ва номи корҳои илмӣ, кам кардани ҳаҷми саҳифаҳо ва иҷрои талаботи мактуби КОА аз 11 ноябри соли 2018 ҳаҷми номгӯи корҳои илмӣ дар охири саҳифаҳо нишон додашударо бояд ба рӯйхати асосии адабиёти истифодашуда бурда рақами тартиби он ва саҳифаи иқтибос оварда шуда, дар дохили қавс шакли росткунҷа дошта нишон дода шавад.

8. Дар саҳ.110 истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва категорияҳои хоҷагиҳо таҳлил карда шудааст, вале оид ба соҳаи чорводорӣ маълумотнома мавҷуд нест.

9. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки таҳрирталаб мебошад.

Дар бахши хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳо ва тавсияҳои мушаххаси илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ баён ва ҷамъбаст гардидаанд.

**Хулоса** кори диссертатсионии Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи “Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар сатҳи зарурии илмӣ – методӣ иҷро гардида, кори мустақилонаи илмии ба итмом расида мебошад.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи унвонҷӯ буда, натиҷаҳои бадастомада боварибахш мебошанд ва бешубҳа арзиши

муайяни илмию амалӣ доранд. Тавсияҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми коркард ва такмилдиҳии механизмҳои ташкили методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ арзёбӣ ва дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Автореферат ва корҳои чопшудаи муаллиф, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмӣ ва илмии истеҳсолӣ, дар нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва ба қайд гирифта шудаанд, чоп шудаанд.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор арзанда мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Суроға: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Телефон:+992-90-500-44-00 Email. zarif-sharipov.49@mail.ru Имзои д.и.и., профессор
Шарифов З.Р.
Тасдиқ мекунам: Сардори шӯъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.